# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои филологӣ Салимзода Олим ба диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ**

Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки дар самтҳои гуногуни илмӣ таҳқиқотҳое анҷом гиранд, ки марбут ба таҳаввулоти ҷомеа мебошанд. Аз ҷумла, дар таҳлилу таҳқиқи фанҳои гуманитариву ҷамъиятшиносӣ ва филологӣ корҳои шоёне сурат гирифтаанд. Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)" аз ҷумлаи чунин таҳқиқот буда, бо назардошти рушд ва таҳаввулоти фаъолияти воситаҳои ахбори омма таҳия гардидааст. Диссертатсияи мазкур, ки дар асоси сарчашмаҳои муҳими назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст, дар таҳқиқи илмии журналистикаи тоҷик нав аст. Зеро то имрӯз дар илми тоҷик таҳқиқоти диссертатсионие ба ин мавзӯъ бахшида нашудааст. Ин диссертатсия барои таҳқиқотҳои илмию пажуҳишии минбаъда замина гардида, самти наверо дар илми журналистика мекушояд.

Диссертатсия дар робита ба вазифаҳои пешгузошташуда аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳо, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот муаррифӣ карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки «Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ» ном гирифтааст, аз се фасл иборат аст. Дар қисми аввали боби мазкур ҷанбаҳои алоҳидаи мантиқи журналистӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, ба таври намуна барномаҳои телевизионии «Сарнавишт», «Президенти мардумӣ» ва «Оини ватандорӣ»-и Сайрам Баққозода, «Суҳбати рӯз»-и Абдуғаффори Камол,

барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и телевизиони «Тоҷикистон», барномаҳои «Ҳукм» ва «Шакл»-и телевизиони «Сафина», «Баҳси имрӯз бо Орзу Исоев»-и радиои «Имрӯз» ва ғайра таҳлил шудаанд. Дар интихоби ин барномаҳо ба сифати объекти таҳқиқ маҳорат, сабки хос, касбияти муаллифонашон ба назар гирифта шудааст, ки ба назари мо дуруст аст. Дар фасли аввали ин боб «Нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ» сабабу омилҳои камбудиҳои мантиқӣ дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи диссертант комилан мувофиқем, ки имрӯзҳо дар ВАО матлабҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар сохтори онҳо на алоқамандии мантиқӣ, балки зиддияти мантиқӣ бартарӣ дорад. Дар ин боб ҳамчунин ба барномаҳои алоҳидаи телевизиониву радиоӣ, амсоли бахши «Толеънома»-и барномаи «Субҳ» ва барномаи иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон», барномаи «Роҳбалад»-и телевизиони «Сафина», барномаи «Барои ҳам»-и радиои «Имрӯз», бахши дарии шабакаи бурунмарзии Радиои Тоҷикистон – «Овози тоҷик», барномаи «Роҳи сафед»-и радиои «Тоҷикистон» таваҷҷӯҳ дода шуда, камбудиҳои мантиқӣ, услубӣ ва забонӣ ошкор гардида, сабабу омилҳои ин нуқсонҳо бо овардани намунаҳо нишон дода шудаанд.

Фасли дуюми боби аввал «Истифодаи мантиқии навор ва аксу сурат дар телевизион, матбуоти даврӣ ва сомонаҳо» унвон дошта, масъалаи таносубу мувофиқати навор бо сухани журналист, муҳтавои аксу тасвирҳо бо мазмуни матлабҳои нашрия ва сомонаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Унвонҷӯй Шоҳиён Мансур Бойзода дуруст ва бамаврид қайд мекунад, ки истифодаи навор ва аксҳои шахсони машҳуру бонувони зебо дар телевизиону нашрияҳо ҷоиз аст, аммо сӯистифода ва ифрот дар истифодаи зиёди наворҳо ва акси шахсиятҳои шинохта низ ҷоиз нест. Ба андешаи муҳаққиқи ҷавон навор ва аксу сурат бояд мувофиқи матлаб интихоб ва ҷобаҷо карда шавад, то боварии аудитория ба матлаб коста нагардад. Фасли сеюми ин боб «Дараҷаи нақди барномаҳои телевизион ва

радио дар матбуоти даврӣ ва расонаҳо» нақши матбуоти даврӣ дар таҳлилу баррасии барномаҳои радиоиву телевизионӣ, бо назардошти риояи категорияҳои мантиқ дар онҳоро фаро мегирад. Диссертант дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ба хулосаи мантиқие меояд, ки баъзе нашрияҳои даврӣ ҳангоми баррасиву нақди фаъолияти расонаҳои электронӣ категорияву қонунмандиҳои мантиқро ба таври бояд риоя намекунанд. Дар ин гуна матолиб айбҷӯйии бемавқеъ ва ғайримантиқӣ ба мушоҳида расида, таҳлилу нақд дида намешавад. Унвонҷӯй назарсанҷиҳои гузаронидаи баъзе оҷонсиву нашрияҳоро доир ба фаъолияти расонаҳои давлатии электронӣ таҳқиқ карда, риоя нагардидани талаботҳои мантиқиро зикр менамояд. Дар масъалагузорӣ ва муҳтавои мантиқии барномаҳои радиоӣ, намоишҳои телевизионӣ ва маводи чопии матбуоту расонаҳо камбудиҳои зиёд ҷой доранд. Дар баробари зикри нуқсонҳо, диссертант ҳамчунин нақши расонаҳоро дар инъикоси воқеияти рӯз, дастовардҳо, боло бурдани ҳисси худшиносиву худогоҳии мардум, тарбияи маънавии аудитория ва ғайраро таъкид месозад.

Боби дуюми диссертатсия «Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика» номгузорӣ шуда, се фаслро фаро мегирад. Ин боб баррасиҳоро доир ба категорияҳои мантиқ, аз ҷумла мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва алоқамандииии онҳоро дар фаъолияти журналистӣ дар бар мегирад. Дар фасли аввали боби мазкур, ки «Қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика» унвон дорад, махсусиятҳои қонунҳои мантиқ, аз ҷумла зиддият, айният ва таносуби истифодаи онҳо дар фаъолияти журналистӣ таҳлилу баррасӣ мешавад. Диссертант ба ҳадди тавонаш сатҳу дараҷаи маърифат ва риояи талаботи қонунҳои мантиқро дар фаъолияти журналистон ҳангоми омодасозии мавод таҳлили илмӣ кардаву мисолҳои мушаххас овардааст.

Фасли дуюми боби дуюм – “Муҳокима – категорияи идоракунандаи фикр” баҳси категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарориро дар бар мегирад. Фаъолияти эҷодӣ, бахусус журналистӣ бидуни муҳокимаву

хулоса тасаввурнопазир аст. Журналист бояд мавзӯи инъикосшавандаро дар робита бо қонуну категорияҳои мантиқ баррасӣ намояд. Дар ин зимн, журналист барои тасдиқ ва ё инкори фикри ин ё он нафар, ки қаблан доир ба мавзӯи баррасишаванда баён доштааст, ба далелҳои қонеъкунанда такя мекунад ва ба ин васила дурустии назарашро исбот мекунад. Муҳаққиқи ҷавон бамаврид ба андешаи донишмандони соҳаи журналистика такя мекунад, ки баҳс дар хусуси ҳама гуна муҳокима ба миён меояд, аммо муҳокимае, ки дурустии он дар заминаи қонунҳои мантиқ асоснок шудааст, пойдор мемонад. Дар ин фасл диссертант аз омӯзиши маводи ВАО ба хулоса мерасад, ки журналистон аз шаклҳои гуногуни муҳокима: яктарафа; воқеӣ; ғаразнок; муҳокима – таҳқир; муҳокима – манфиат; муҳокима – тақвият истифода менамудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «Хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика» ба ду назарияи ба ҳам зидди хулосабарорӣ: назарияи коммунистии шӯравии журналистика ва назарияи аврупоии журналистика (назарияи Ғарб) бахшида шудааст. Тавре маълум аст, ҷонибдорони назарияи аввал барои жанрҳои таҳлилӣ хос будани хулосаро ҳатмӣ медонанд. Онҳо хулосаи журналистро як навъ масъулият меҳисобанд. Тарафдорони назарияи аврупоии журналистика хулоса баровардани журналистро дар ягон жанр қабул надоранд.

Муҳаққиқони журналистикаи тоҷик ҷонибдорӣ назарияи аваланд. Дар заминаи таҳлилҳо диссертант зикр мекунад, ки дар ВАО-и муосири тоҷик журналистон муҳокима ва хулосабарориро зиёд истифода мебаранд, вале сатҳи муҳокима ва қобилияти хулосабарории онҳо дар як сатҳ нест, ки ин нишондиҳандаи маърифат ва касбияти муаллифон мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомёфта ба таври мушаххас гурӯҳбандӣ шудаанд. Ин хулосаҳо аз хулосаи ҳар бобу фасл баромада, натиҷаи умумии диссертатсияро ташкил медиҳанд. Риояи категорияву қонунмандиҳои мантиқ барои боварии аудиторияро сазовор шудани воситаҳои ахбори омма мусоидат карда, дар

айни замон маърифат ва дониши касбии журналистонро нишон медиҳад. Қонуну категорияҳои мантиқ, ки дар фаъолияти журналистӣ васеъ истифода мешаванд, чун талаботҳои касбӣ масъулину роҳбарони ВАО ва журналистонро водор месозанд, ки ба аудитория иттилои воқеӣ, таҳлилу баррасиҳои дурустро пешниҳод намоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо, ба назари мо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо мавҷуд ҳастанд.

1. Агарчи ин диссертатсия аввалин таҳқиқоти диссертатсионии мавзӯи мазкур аст, хуб мешуд, ки муҳаққиқ барои тақвияти фикраш баъзе андешаҳои муҳаққиқони ватаниро низ ба таҳлил кашида, бо онҳо баҳс меорост.

2. Дар диссертатсия таносуби фаслҳо риоя нашудааст.

3. Баъзе мисолҳои дар диссертатсия таҳлилшуда на ба мантиқ, балки ба этикаи касбию меъёрҳои ахлоқии журналистӣ дахл доранд. Масалан, мақолаи «Падари контролӣ ва реолии СССР», ки дар саҳифаи 111-и диссертатсия, таҳлил шудааст.

4. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоию техникӣ ҳам ба мушоҳида расиданд.

Бояд гуфт, ки ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва сатҳи илмии диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзодаро паст намекунанд.

Муаллиф вазифаву масъалаҳои пешгузоштаро иҷро намудааст. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, ҳаҷм, мундариҷаву муҳтаво ва мазмун ҷавобгӯ ба талабот таҳия шуда, моҳияти асосии диссертатсияро ифода мекунад. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи имлӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи қайди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)” ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Муаллифи он Шоҳиён Мансур Бойзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Салимзода Олим
номзади илмҳои филологӣ
Маълумот барои иртибот:
Номзади илмҳои филологӣ
(КТН № 113360 аз 18.09.2003)
Ҷойи кор: муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии
Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва
Тоҷикистон
Вазифа: муаллими калони кафедраи
телевизион ва радио Салимзода Олим.

"Имзои номзади илмҳои филологӣ
Салимзода Олимро тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи байнидавлатии
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х. Х.
03.02.2021с.
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи
М.Турсунзода, 30
тел. (+992 - 93) 500-22-19
www.rtsu.tj
E-mail: p.rektora@mail.ru